**Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012 таҳти №2.1 тасдиқ карда шудааст.**

# ДАСТУРИ ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**1.1. Мақсад ва таркиби Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1.1.1. Дастури Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Дастур) дар асоси талаботи банди 2, моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, масъалаҳои зеринро муайян менамояд:

а) масъалаҳои дохилии фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Палатаи ҳисоб);

б) тақсимоти вазифаҳо байни сараудиторони Палатаи ҳисоб ва мазмуни кори соҳаҳое, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд;

в) ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохтории Дастгоҳи Палатаи ҳисоб;

г) тартиби пешбурди коргузорӣ;

д) тартиби омодасозӣ ва гузаронидани ҳама намуди чорабиниҳо вобаста ба фаъолияти назоратӣ ва дигар фаъолият.

1.1.2. Дастур инчунин:

- тибқи тартиби муқаррагардида ваколатҳои Раиси Палатаи ҳисоб ва ӯҳдадориҳои мансабии муовини Раиси Палатаи ҳисобро муайян менамояд;

- салоҳияти сараудиторони Палатаи ҳисобро муқаррар менамояд, ки дар доираи он ҳамаи масъалаҳоро вобаста ба ташкили фаъолияти самти вобастагшуда мустақилона ҳал менамоянд ва барои натиҷаи фаъолият ҷавобгар мебошанд.

**1.2. Тартиби баррасӣ намудани дигар масъалаҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки дар Дастури мазкур пешбинӣ нашудаанд**

Оид ба масъалаҳое, ки тартиби баррасиашон дар Дастури мазкур пешбинӣ нагардидааст, агар тартиби баррасии онҳо тибқи қонун «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба салоҳияти Ҳайати мушовараи Палати ҳисоб, ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб ва ё сараудиторони Палатаи ҳисоб дохил нагардад, қарор аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб қабул карда мешавад.

Тартиби баррасии чунин масъалаҳо аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб муқаррар карда шуда, бо фармон мавриди амал қарор дода мешавад ва ё бо фармоиш барои иҷроиши ҳатмӣ аз ҷониби шахсони масъули Палатаи ҳисоб, пешниҳод карда мешавад.

## 2. ҲУҚУҚ ВА ВАКОЛАТҲОИ РАИСИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ, ӮҲДАДОРИҲОИ МАНСАБИИ МУОВИНИ РАИСИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ, САЛОҲИЯТИ САРАУДИТОРОН ВА ТАҚСИМИ ВАЗИФАҲО БАЙНИ САРАУДИТОРОНИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

**2.1. Ҳуқуқ ва ваколатҳои Раиси Палатаи ҳисоб**

2.1.1. Раиси Палатаи ҳисоб ваколатҳои мансабии худро тибқи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Палатаи ҳисоб ва Дастури мазкур амалӣ менамояд.

2.1.2. Раиси Палатаи ҳисоб:

- роҳбарии умумии фаъолияти Палатаи ҳисобро ба амал меорад;
- сохтори дастгоҳи марказӣ, низомномаи Палатаи ҳисоб ва низомномаҳои воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисобро тасдиқ менамояд;
- вазифаҳоро байни муовин ва сараудиторон тақсим менамояд;
- дастурамали хизматии воҳидҳои сохториро муайян ва тасдиқ менамояд ва тартиби истифодаи ҳуқуқҳои воҳидҳои сохториро муқаррар менамояд;
- роҳбари дастгоҳ ва кормандони Палатаи ҳисобро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;
- масъалаҳои ҳавасмандгардонӣ, расонидани кӯмаки моддиро ҳал менамояд ва ба кормандон ҷазоҳои интизомӣ таъин менамояд;
- харҷнома ва ҷадвали воҳидҳои кории Палатаи ҳисобро дар доираи фонди пардохти музди меҳнат ва шумораи кормандони аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ва дар доираи маблағҳои барои давраи дахлдор тасдиқгардида, ки дар буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудаанд, тасдиқ менамояд;
- тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаҳои қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти Палатаи ҳисоб, таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод менамояд;
- Палатаи ҳисобро дар мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷа намояндагӣ менамояд;
- ҳуқуқи бемамоният шинос шуданро бо ҳуҷҷатҳои вобаста ба ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ бо дарназардошти риояи талаботи махфият ва сирри аз ҷониби қонун ҳифзшудаи давлатӣ, дорад;
- дар ҷаласаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои вобаста ба ҳисоботи солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ, дар муҳокимаи

парламентӣ оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, инчунин доир ба масъалаҳои дигари вобаста ба вазифаҳои Палатаи ҳисоб, иштирок менамояд;

- дар доираи ваколатҳои муқарраргардида ба воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, супоришҳо медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат менамояд;

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба кормандон додани рутбаҳои махсуси ҳайати олии роҳбарикунанда ва дар бораи сарфарозгардонии онҳо бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур менамояд;

- масъулияти бо қонунҳо муайянгардидаро ба ӯҳда дорад;

- мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳоро мавриди амал қарор медиҳад;

- фармонҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ доштаро дар доираи салоҳияти худ қабул менамояд.

**2.2. Ӯҳдадориҳои мансабии муовини Раиси Палатаи ҳисоб.**

2.2.1. Муовини Раиси Палатаи ҳисоб ӯҳдадориҳои мансабии худро тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Низомномаи Палатаи ҳисоб, Дастури мазкур, фармонҳо ва супоришҳои Раиси Палатаи ҳисоб иҷро менамояд.

2.2.2. Ба муовини Раиси Палатаи ҳисоб вогузор карда мешавад:

- ташкили фаъолият оид ба гузаронидан ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхиси-таҳлилӣ), ташхиси сабабҳо ва оқибатҳои камбудиҳои ошкоршуда дар раванди ташаккули қисми даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ;

- ташкили фаъолияти ташхиси-таҳлилӣ, аз ҷумла омода намудани пешниҳод оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли оянда ва оид ба иҷрои буҷети давлатӣ дар соли ҳисоботӣ;

- ташкили омодасозии нақшаи санҷишҳои аудитории ҷорӣ ва солонаи Палатаи ҳисоб ва назорати иҷроиши онҳо;

- назорати иҷроиш, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои иҷроиши пешниҳодот ва тавсияҳои Палатаи ҳисоб;

- назорати самти фаъолияти ташхиси-таҳлилӣ ва методологии сохторҳои Дастгоҳи Палатаи ҳисоб;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти санҷишӣ-назоратии сараудиторони Палатаи ҳисоб, аз ҷумла ҳангоми аз ҷониби онҳо ба амал овардани чорабиниҳои якҷояи санҷишӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои Палатаи ҳисоб вобаста ба масъалаҳои банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ).

Инчунин, муовини Раиси Палатаи ҳисоб тибқи муқаррароти қонун «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- дар ҳолати набудани Раиси Палатаи ҳисоб вазифаҳои ӯро иҷро менамояд;

- бо супориши Раиси Палатаи ҳисоб, Палатаи ҳисобро дар мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар хориҷа намояндагӣ менамояд;

- дар мувофиқа бо Раиси Палатаи ҳисоб дар ҷаласаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои вобаста ба самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб иштирок ва маърӯза менамояд;

- ҳуқуқи бемамониат шинос шуданро бо ҳуҷҷатҳои вобаста ба ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ бо дарназардошти риояи талаботи махфият ва сирри аз ҷониби қонун ҳифзшудаи давлатӣ, дорад;

- дар якҷоягӣ бо Раиси Палатаи ҳисоб Дастур ва мазмуни кори самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд, барои баррасӣ ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

2.2.3. Муовини Раиси Палатаи ҳисоб ҷиҳати иҷрои ваколатҳои мансабӣ дар доираи салоҳияти худ, ки тибқи қонун “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Дастури мазкур муқаррар гардидааст, супоришҳо медиҳад ва фармонҳоро ба имзо мерасонад.

**2.3. Салоҳияти сараудиторони Палатаи ҳисоб**

2.3.1. Сараудиторони Палатаи ҳисоб самтҳои ба онҳо вобасташудаи фаъолияти Палатаи ҳисобро роҳбарӣ менамоянд. Ҳар як самти фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки аз ҷониби яке аз сараудиторон роҳбарӣ карда мешавад, аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб муқаррар карда мешавад.

Дар доираи салоҳияти худ сарудиторони Палатаи ҳисоб ҳамаи масъалаҳои вобаста ба ташкили фаъолияти самти вобасташударо мустақилона ҳал менамоянд ва барои натиҷаи он ҷавобгар мебошанд.

2.3.2. Салоҳияти сараудиторони Палатаи ҳисоб аз зарурияти ташкили ҳамаҷонибаи кори самти фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки онҳо роҳбарӣ менамоянд сарчашма гирифта, қисми даромад ва хароҷоти маҷмӯи гурӯҳбандиҳои иқтисодии аз рӯи таъинот якхелаи буҷети давлатӣ, инчунин даромад ва хароҷоти фондҳои ғайрибуҷетиро дар бар мегирад.

Самтҳои фаъолият, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури мазкур асос меёбад. Дар мазмуни кори самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд, вобаста ба қонун дар бораи буҷети давлатии соли дахлдор, тағйиротҳо ворид карда мешавад.

Сараудиторони Палатаи ҳисоб ҳуқуқ доранд дар мувофиқа бо Раиси Палатаи ҳисоб дар ҷаласаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои вобаста ба самти дахлдори фаъолияти Палатаи ҳисоб иштирок ва маърӯза намоянд.

2.3.3. Ҷойивазкунии сараудиторон вобаста ба самти фаъолият, бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад.

Ҳангоми азнавтақсимкунии вазифаҳо байни сараудиторон, ҷойивазкунии дигар мутахассисон гузаронида намешавад.

2.3.4. Сараудитори Палатаи ҳисоб таҳия ва татбиқи консепсияи умумии кори самти муайяншудаи фаъолиятро амалӣ менамояд, аз ҷумла:

- муайян намудани самтҳои аниқи соҳаи вобасташудаи фаъолият бо роҳи тақсимоти вазифаҳо ва ҷудо намудани объекти аудит аз соҳаҳои дигари фаъолият;

- муайян намудани ҳаҷм, мақсад ва намуди санҷишҳои аудиторӣ, корҳои назоратӣ, ташхисӣ-таҳлилӣ ва корҳои методологӣ;

- муайян намудани вазифаҳои аниқ ва тартиби амали якҷояи сохторҳои таркибии Палатаи ҳисоб, ки роҳбарии фаъолияти онҳо ба сараудитор вогузор карда шудааст.

Сараудитори Палатаи ҳисоб лоиҳаи консепсияи умумии кори самти муайяншудаи фаъолиятро барои баррасӣ ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

2.3.5. Дар доираи консепсияи тасдиқшуда ва мавзӯи кори самти фаъолият, дар асоси таҳлили ҳолати кор дар объекти аудит, натиҷаҳои чорабиниҳои назоратӣ ва санҷишҳои гузаронидашуда, ҳуҷҷатҳои меъёрии ба ин мақсад таҳияшуда, стандартҳои назоратӣ-санҷишӣ (аудит), дастурҳои методологӣ, инчунин дар ҳолати дархости мақомоти иҷроия ё қонунгузори ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати гузаронидани аудити ғайринақшавӣ, сараудитор нақшаи гузаронидани санҷиши аудиториро тартиб дода, барои дохил намудан ба лоиҳаи нақшаи кории солонаи Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

Лоиҳаи нақшаи кории солонаи Палатаи ҳисоб аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Дар асоси нақшаи кории солонаи тасдиқгардидаи Палатаи ҳисоб ва дастурҳои методологӣ оид ба банақшагирӣ, сараудитор нақшаи корҳои ҷорӣ ва солонаи сохторҳои дохилии Палатаи ҳисобро, ки роҳбарии фаъолияти онҳо ба сараудитор вогузор гардидааст, тартиб медиҳад.

Ворид намудани тағйирот дар нақшаи корҳои ҷорӣ ва солонаи воҳидҳои сохтории Палатаи ҳисоб, танҳо дар асоси қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ сараудитор барои ворид намудани тағйирот ва таҳрири нақшаи корҳои ҷорӣ ва солонаи Палатаи ҳисоб, таклифҳо пешниҳод менамояд.

2.3.6. Бо мақсади арзёбии мувофиқати истифодабарии захираҳои давлатии буҷетӣ ва захираҳои дигар ба қонунгузорӣ дар бораи буҷети давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сараудитор тибқи нақшаи кории самте, ки онро роҳбарӣ менамояд, санҷишҳои аудиториро (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилиро) ташкил менамояд. Барномаи санҷиши аудиториро сараудитор тасдиқ менамояд.

Ҳисоботҳо оид ба натиҷаи чорабиниҳои назоратӣ ва санҷишҳои аудиторӣ, инчунин лоиҳаи пешниҳодот ва тавсияҳои Палатаи ҳисоб, аз

ҷониби сараудитор ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

2.3.7. Сараудитори Палатаи ҳисоб корҳои ташхисӣ-таҳлилиро бо мақсади муайян намудани сабабҳои иҷро нагардидани моддаҳои алоҳидаи қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, арзёбии хароҷоти сарфакорона ва истифодабарии самараноки захираҳои давлатӣ барои комёбшавӣ ба мақсадҳои дар буҷети давлатӣ пешбинишуда ва барои муайян намудани натиҷанокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ, ташкил менамояд.

2.3.8. Сараудитори Палатаи ҳисоб ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ доир ба самти вобасташуда, ҳуқуқи бемамоният шинос шуданро бо ҳуҷҷатҳои вобаста ба ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ бо дарназардошти риояи талаботи махфият ва сирри аз ҷониби қонун ҳифзшудаи давлатӣ, дорад.

2.3.9. Сараудитори Палатаи ҳисоб корҳои методологиро вобаста ба самте, ки онро роҳбарӣ менамояд, бо роҳи тартиб додани лоиҳаи дастурамалҳои методӣ оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ) бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳаи дахлдор, ташкил менамояд. Лоиҳаи дастурамалҳои методӣ ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

2.3.10. Сараудитори Палатаи ҳисоб дастурамали мансабӣ ва меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии кори кормандони самти ба ӯ вобасташударо муайян намуда, оиди ба кор қабул намудан, мукофотонидан ва ё ҷазо додан, ҷойивазкунӣ, аз кор хориҷ намудан, санҷиши тахассусӣ, бозомузӣ, ба сафари хизматӣ фиристодан ва ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоии кормандон, пешниҳодҳо омода месозад.

2.3.11. Сараудитори Палатаи ҳисоб барои гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва корҳои ташхиси-таҳлилӣ) дар самти ба ӯ дахлдор, ҳайати гурӯҳи санҷиширо муайян менамояд. Инчунин, барои дохил намудан ба ҳайати гурӯҳе, ки барои санҷиши масъалаҳои ба соҳаҳои ду ва ё зиёда сараудитор дахлдошта ташкил карда мешаванд, номзадии кормандонро пешниҳод менамояд.

2.3.12. Ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ доир ба самти вобасташуда, сараудитори Палатаи ҳисоб супоришҳо медиҳад ва лоиҳаи фармонҳо, фармоишҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро омода намуда, ба Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

2.3.13. Сараудитори Палатаи ҳисоб тибқи тартиби дар Палатаи ҳисоб муқарраргардида, ҳуҷҷатгузории самти фаъолияти Палатаи ҳисобро, ки ба ӯ вобаста шудааст, ташкил менамояд. Оид ба корҳои анҷомдода дар самти ба ӯ вобасташуда ва иҷрои нақшаи кории Палатаи ҳисоб, ҳисоботҳои семоҳа ва солона пешниҳод менамояд.

2.3.14. Дар ҳолати ба Палатаи ҳисоб ворид гардидани шикоят аз рӯи амали сараудитори Палатаи ҳисоб, Раиси Палатаи ҳисоб масъалаи баррасии шикоятро ба ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб

пешниҳод менамояд. Оиди натиҷаи баррасии шикоят қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қабул карда мешавад ва дар мӯҳлати се рӯз баъди қабули қарор ба муаллифи шикоят ҷавоб ирсол карда мешавад.

**2.4. Тақсимоти вазифаҳо байни сараудиторони Палатаи ҳисоб ва мазмуни кори самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд**

2.4.1. Тақсимоти вазифаҳо байни сараудиторони Палатаи ҳисоб ва мазмуни кори самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод ва бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад.

2.4.2. Дар сурати аз ҷониби сараудитори Палатаи ҳисоб бинобар вазъи саломатӣ муддати муайян иҷро карда натавонистани вазифаҳои ба ӯ вогузоршуда ва ё дар ҳолати ба рухсатии меҳнатӣ баромадани сараудитор, вазифаҳои ӯ бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ба яке аз сараудиторон вогузор карда мешавад.

## 3. МАСЪАЛАҲОИ ДОХИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

**3.1. Тартиби кори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб**

3.1.1. Тибқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб раис, муовини раис ва сараудиторон дохил мешаванд ва тибқи моддаи 27-и қонуни мазкур мақоми олии Палатаи ҳисоб Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб мебошад.

3.1.2. Маҷлиси Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб аз рӯи зарурат аз ҷониби раиси он ё бо талаби аз се як ҳиссаи сараудиторони Палатаи ҳисоб, вале на кам аз як маротиба дар як моҳ, даъват карда мешавад.

Дар ҷаласаҳои Ҳайати мушовара Раиси Палатаи ҳисоб ё дар сурати набудани раис муовини ӯ раисӣ мекунанд. Дар сурати набудани раис ва муовини ӯ ин вазифа ба ӯҳдаи сараудитори собиқаи бештари коридошта, ки дар ҷаласаи мазкур иштирок дорад, вогузор карда мешавад.

Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дар мавриде салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки агар дар он на кам аз се ду ҳиссаи аъзои Палатаи ҳисоб иштирок дошта бошад.

Аъзоёни Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ҳуқуқи баробари овоз дар ҷаласаҳои Ҳайати мушовара доранд. Тартиби овоздиҳӣ дар ҷаласаҳои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, аз ҷониби Ҳайати мушовара муайян карда мешавад.

Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дар маҷлиси худ қарор қабул менамояд, ки он аз ҷониби раиси Ҳайати мушовара имзо карда мешавад. Қарори Ҳайати мушовара дар ҳолате қабулгардида ҳисоб меёбад, ки агар барои қабули он қисми зиёди аъзоёни Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб овоз дода бошанд.

Маҷлисҳои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ба таври кушода гузаронида мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб маҷлисҳои пӯшида низ гузаронида мешаванд.

3.1.3. Иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб оид ба масъалаҳои вобаста ба иҷрои вазифаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Дастури мазкур муайян гардидааст, барои шахсони мансабдор ва дигар кормандони Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад. Дар баробари ин, қарорҳои қабулнамудаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб наметавонад ҳуқуқ ва ваколатҳои шахсони мансабдор ва кормандони Палатаи ҳисобро маҳдуд намояд. Назорат аз болои иҷроиши қарорҳои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ба зиммаи Раиси Палатаи ҳисоб вогузор карда мешавад.

3.1.4. Лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб муайян карда шуда, дар якҷоягӣ бо дигар маводҳои дар ҷаласа баррасишаванда на дертар аз ду рӯзи корӣ то рӯзи ҷаласа, ба аъзоёни Ҳайати мушовара ирсол карда мешавад.

Дар лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дохил намудани баррасии дигар масъалаҳои аз ҷониби аъзоёни Ҳайати мушовара ва кормандони Палатаи ҳисоб пешниҳодшуда, иҷозат дода мешавад. Рӯзномаи ҷаласаро Ҳайати мушовара тасдиқ менамояд.

Аз рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовара хориҷ намудани масъалаи баррасишаванда, танҳо бо роҳи овоздиҳӣ ба амал оварда мешавад.

3.1.5. Дар рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб масъалаҳои зерин ба таври ҳатмӣ дохил карда мешаванд:

- баррасӣ ва тасдиқи нақшаи кории солона ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он;
- баррасӣ ва тасдиқи лоиҳаи сметаи хароҷоти Палатаи ҳисоб;
- баррасии дархост барои гузаронидани аудити ғайринақшавӣ;
- баррасии ҳисобот оид ба натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ ва тасдиқи хулосаҳои аудитории Палатаи ҳисоб;
- тасдиқи Дастури Палатаи ҳисоб ва дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ, инчунин ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои мазкур;
- тасдиқи мазмуни кори самтҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки сараудиторон роҳбарӣ менамоянд;
- тасдиқи Кодекси одоби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- масъалаи шунидани ҳисоботи роҳбари Дастгоҳи Палатаи ҳисоб;
- масъалаи шунидани ҳисоботҳои солона ва даврии Палатаи ҳисоб;
- тасдиқи тартиби ҷалби экспертҳои беруна;
- масъалаи қабули қарор оид ба дигар супоришҳое, ки ба сараудиторон дода мешаванд.

3.1.6. Маводҳо барои ҷаласаи Ҳайати мушовара оид ба масъалаҳое, ки дар рӯзномаи ҷаласа дохил карда шудаанд, ба баррасии Ҳайати

мушовара дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ пеш аз ҷаласаи Ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

Вобаста ба масъалаҳои баррасии натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ), ба Ҳайати мушовара ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- муроҷиати хаттӣ бо имзои сараудитори Палатаи ҳисоб;
- лоиҳаи қарори Ҳайати мушовара;
- нусхаи ҳуҷҷатҳои асосшаванда оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ (иқтибос аз нақшаи кории Палатаи ҳисоб, қарори Ҳайати мушовара оид ба гузаронидани санҷиши ғайринақшавӣ);
- барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- нусхаи мактуб ва ё шаҳодатномаи Палатаи ҳисоб дар бораи ҳуқуқи гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ бо имзои сараудитори Палатаи ҳисоб;
- нусхаи санадҳо оид ба натиҷаи корҳои анҷомдодаи назоратӣ-санҷишӣ;
- лоиҳаи пешниҳодот ва ё мактуби ахборотии Палатаи ҳисоб ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурие, ки аз руӣ натиҷаи санҷиши аудиторӣ тартиб дода мешаванд.

Намуд ва ҳаҷми маводҳо оид ба дигар масъалаҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ки ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод мегарданд, аз ҷониби Ҳайати мушовара муайян карда мешавад.

Баъди ба рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовара дохил намудани масъалаи баррасишаванда, маводҳои ҷаласа дар мӯҳлати на дертар аз ду рӯзи корӣ то рӯзи ҷаласа, ба аъзоёни Ҳайати мушовара ирсол карда мешавад.

3.1.7. Лоиҳаи мактубҳои ахборотӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пеш аз ворид намудан ба баррасии ҷаласаи Ҳайати мушовара ба таври ҳатмӣ барои мувофиқа ба бахши ҳуқуқии Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешаванд.

Дар ҳолат мавҷуд набудани эродҳо аз ҷониби бахши ҳуқуқ, лоиҳаи ҳуҷҷати пешниҳодшуда аз ҷониби роҳбари бахши ҳуқуқ имзо карда мешавад ва дар ҳолати розӣ набудан бо лоиҳаи ҳуҷҷат, хулосаи бахши ҳуқуқ омода карда шуда, дар якҷоягӣ бо лоиҳаи ҳуҷҷат ба баррасии Ҳайати мушовара ирсол карда мешавад.

Мӯҳлати мувофиқа намудани лоиҳаи ҳуҷҷати пешниҳодшуда, аз рӯзи ба бахши ҳуқуқ ворид гардидан бояд на зиёдтар аз 3 рӯзи кориро дар бар гирад. Дар баробари ин, мӯҳлати бо бахши ҳуқуқ мувофиқа намудани лоиҳаи хулосаи Палатаи ҳисоб ба лоиҳаи қонун дар бораи буҷети давлатӣ ва лоиҳаи ҳисоботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ, аз рӯзи ба бахши ҳуқуқ ворид гардидан бояд на зиёдтар аз 5 рӯзи кориро дар бар гирад.

3.1.8. Ҳангоми баррасии масъалаҳои алоҳида, ба ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб аъзоёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони Дастгоҳи Палатаи ҳисоб, намояндаи ташкилоту муассисаҳо ва шахсони дигар, метавонанд даъват шаванд.

Қарор дар барои иштирок намудан дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб нисбати шахсоне, ки аъзои Ҳайати мушовара нестанд, бо пешниҳоди сараудиторон ва ё шахси масъули санҷиши аудиториро анҷомдода аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб қабул карда мешавад. Шахсони даъватшуда танҳо ҳангоми баррасӣ намудани он масъалае, ки ба онҳо дахл дорад, иштирок менамоянд.

Барои таъмини кори Ҳайати мушовара, дар ҷаласаи Ҳайати мушовара роҳбари Дастгоҳи Палатаи ҳисоб, ёрдамчии Раиси Палатаи ҳисоб, сардори бахши ҳуқуқ, кадрҳо ва умумӣ ва сардори бахши таҳлил ва методологияи назорати молиявӣ иштирок менамоянд.

3.1.9. Баррасии ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ, ки дар рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовара дохил карда шудааст, аз маърӯза ва ё ҳисобот дар ин мавзӯъ оғоз мегардад.

Ба ҳайси маърӯзачӣ метавонад аъзои Ҳайати мушовара, шахси масъули санҷишро анҷомдода ва ё дигар корманди масъули Палатаи ҳисоб баромад кунад. Вақт барои маърузаи асосӣ оид ба мавзӯи баррасишаванда то 10 дақиқа ва барои дигар баромадкунандагон нисбати ин мавзӯъ то 5 дақиқа муайян карда мешавад.

Баъди анҷоми маърӯза (ҳисобот) ва баромади намояндаи ташкилоти санҷидашуда, аз ҷониби аъзоёни Ҳайати мушовара ба баромадкунандагон саволҳо дода мешавад. Вақт барои саволу ҷавобҳо на зиёдтар аз 30 дақиқа муайян карда мешавад.

Дар муҳокимае, ки баъди анҷоми саволу ҷавоб гузаронида мешавад, танҳо аъзоёни Ҳайати мушовара иштирок менамоянд. Вақт барои баромад намудан то 5 дақиқа ва на зиёда аз 2 маротиба барои як масъалаи баррасишаванда (баромади такрорӣ то 2 дақиқа) муайян карда мешавад.

Пеш аз овоздиҳӣ, оид ба натиҷаи муҳокимаи масъалаи баррасишаванда, намояндаи ташкилоти санҷидашуда ва баъдан маърӯзачӣ ҳуқуқи баромад карданро доранд.

Баъди муҳокимаи масъалаи баррасишаванда, ба лоиҳаи қарори Ҳайати мушовара танҳотағйиру иловаҳои ба тариқи хаттӣ пешниҳодшуда ворид карда мешаванд. Барои асоснок намудани зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо, ба шахси тағйиротҳоро пешниҳоднамуда сухан дода мешавад.

Пас аз баррасии тағйиру иловаҳо, лоиҳаи таҳриршудаи қарори Ҳайати мушовара ба овоз монда мешавад.

3.1.10. Оид ба натиҷаи ҳар як ҷаласаи Ҳайати мушовара протокол тартиб дода шуда, аз ҷониби раисикунандаи ҷаласа ба имзо расонида мешавад ва нусхаи он ба аъзоёни Ҳайати мушовара ва дигар шахсони мансабдори Палатаи ҳисоб ирсол карда мешавад.

3.1.11. Дар ҳолати бо қарори қабулнамудаи Ҳайати мушовара оид ба баррасии натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ (таркиби ҳисоботҳо оид ба натиҷаи чорабиниҳои назоратӣ, пешниҳодот, мактубҳои ахборотӣ) розӣ набудан, аъзо ё гурӯҳи аъзоёни Ҳайати мушовара хуқуқ доранд дар мӯҳлати 3 рӯз ба Раиси Палатаи ҳисоб фикри махсусро ба тариқи хаттӣ пешниҳод намоянд, ки он ба қарори Ҳайати мушовара замима карда мешавад. Фикри махсус танҳо ба қарори Ҳайати мушовара нисбат ба таркиби ҳисобот оид ба натиҷаи санҷиши аудитории анҷомдода пешниҳод карда шуда, дар алоҳидагӣ аз қарори Ҳайати мушовара нашр ва ё эълон карда намешавад.

3.1.12. Протоколҳои ҷаласаҳои Ҳайати мушовара ҳамчун ҳуҷҷатҳои расмии Палатаи ҳисоб нигоҳ дошта мешаванд. Ворид намудани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои мазкур, танҳо бо қарори Ҳайати мушовара иҷозат дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо, матни пештараи протоколҳои ҷаласаҳои Ҳайати мушовара маҳфуз гузошта шуда, ҳамчун ҳуҷҷатҳои Ҳайати мушовара нигоҳ дошта мешаванд.

**3.2. Тартиби банақшагирии санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб**

3.2.1. Тибқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон», Палатаи ҳисоб нақшаи санҷишҳои аудиториро барои соли оянда таҳия менамояд, ки дар он ташкилотҳо (ё сохторҳои ташкилотҳо) ва намудҳои фаъолияти онҳо, ки бояд санҷида шаванд, нишон дода мешаванд. Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад илова ба нақшаи санҷишҳо, санҷишҳои ғайринақшавӣ гузаронад.

Нақшаи солона ва ҷории санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дар асоси пешниҳодҳои сараудиторони Палатаи ҳисоб тартиб дода шуда, бояд назорати ҳамаҷониба ва мунтазами масъалаҳои ташаккул ва иҷроиши буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ, идоракунии қонунӣ ва истифодаи самаранок ва мақсадноки моликияти давлатӣ, таҳлил ва ташхиси қонунгузории буҷет ва мукаммалгардонии қонунгузории буҷетӣ ва молия, таҳлил ва пешниҳоди хулоса оид ба ташаккул ва иҷроиши буҷети давлатӣ ва масъалаи баҳодиҳии воқеъият ва таваккали нишондиҳандаҳои пешбинишуда аз рӯи гурӯҳбандиҳои иқтисодии буҷетиро пешбинӣ намояд.

3.2.2. Таҳия, баррасӣ ва тасдиқи нақшаи солона ва ҷории санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дар асоси дастурамал оид ба банақшагирии санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад.

**3.3. Тартиби баррасии дархостҳо, ки барои дохил намудан дар нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошанд**

3.3.1. Тибқи муқаррароти моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» агар мақомоти иҷроия ё қонунгузори ҳокимияти давлатӣ ба Палатаи ҳисоб бо дархост ҷиҳати гузаронидани аудити ғайринақшавӣ муроҷиат намоянд, дар ҳар як ҳолати мушаххас оид ба қонеъ гардонидани дархости мазкур аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб қарор қабул карда мешавад.

3.3.2. Ҳангоми ба Палатаи ҳисоб ворид гардидани дархост ва ё супориш (минбаъд – дархост) барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ, ки барои дохил намудан ба нақшаи санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошад, Раиси Палатаи ҳисоб ҷиҳати омода намудан ва ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод намудани лоиҳаи барнома оид ба иҷрои дархост бо нишондоди мӯҳлати гузаронидани он, ба сараудитор ва ё якчанд сараудитори Палатаи ҳисоб супориш медиҳад.

3.3.3. Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб лоиҳаи барномаи чорабиниро оид ба иҷрои дархост баррасӣ намуда, бо назардошти ворид намудани тағйироту иловаҳои зарурӣ барномаро тасдиқ менамояд.

3.3.4. Дар ҳолатҳои ҷудогона, раиси Палатаи ҳисоб ва ё сараудиторе, ки иҷрои дархост ба салоҳияти ӯ дахл дорад, метавонанд ҷаласаи навбатии Ҳайати мушовараро интизор нашуда, барномаи чорабинии ғайринақшавиро тасдиқ намоянд ва ҷиҳати оғози корҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ супориш диҳанд. Аммо, баъдан барномаи ин чорабинии ғайринақшавӣ барои баррасӣ ва тасдиқ намудан, ҳатман ба ҷаласаи навбатии Ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

3.3.5. Ба мақомоти иҷроия ё қонунгузори ҳокимияти давлатӣ, ки бо дархост ҷиҳати гузаронидани аудити ғайринақшавӣ муроҷиат намудааст, дар мӯҳлати 10 рӯз баъд аз баррасии ин масъала дар ҷаласаи Ҳайати мушовара, иқтибос аз протоколи ҷаласаи Ҳайати мушовара бо нишондоди мӯҳлати гузаронидани корҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ, ирсол карда мешавад.

Дар сурати рад кардани дархост, ба мақоми дархосткунанда ҷавоби асосноки хаттӣ ирсол карда мешавад.

**3.4. Тартиби баррасии муроҷиат ва дархостҳо ба суроғаи Палатаи ҳисоб, ки баррасии масъалаҳои дар онҳо дарҷгардида аз ҷониби Палатаи ҳисоб ҳатмӣ намебошанд**

3.4.1. Дар ҳолати ба суроғаи Палатаи ҳисоб ворид гардидани муроҷиат ва дархост (минбаъд – дархост), ки баррасиашон ҳатмӣ намебошад, Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб метавонанд дархостро бевосита баррасӣ намоянд ва ё вобаста ба самти дахлдори фаъолияти Палатаи ҳисоб, дархостро барои баррасӣ ба сараудитор ё якчанд сараудиторони Палатаи ҳисоб равона намоянд. Инчунин, Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб метавонанд оид ба бевосита омода намудани пешниҳод вобаста ба масъалаи ба рӯзномаи ҷаласаи Ҳайати мушовара дохил намудани баррасии дархост ва ё оид ба омода ва ирсол намудани ҷавоб ба дархосткунанда, ба сараудитори Палатаи ҳисоб супориш диҳанд.

3.4.2. Сараудитор ва ё шахси масъули Палатаи ҳисоб, ки аз Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб супориш гирифтааст, пешниҳодро оиди баррасии дархост дар ҷаласаи Ҳайати мушовара бо яке аз пешниҳодҳои зерин омода месозад:

- Ҳайати мушовара масъалаи дархостшударо ба нақшаи кории Палатаи ҳисоб дохил намояд ва корҳои санҷишӣ ё корҳои ташхисӣ-таҳлилӣ тибқи дархост гузаронида шавад;

- дархост ҳангоми гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва дигар корҳои ташхисӣ-таҳлилии нақшавӣ, ба инобат гирифта шавад;

- дархост барои баррасӣ ба дигар мақомоти давлатии вобаста ба масъалаҳои дархостшуда салоҳиятдор, ирсол карда шавад;

- дархост рад карда шавад.

3.4.3. Сараудитор ва ё шахси масъули Палатаи ҳисоб, ки дархости ирсолнамудаи Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисобро бе дарҷ намудани супориши мушаххас гирифтааст, дархостро баррасӣ намуда, ба Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб яке аз пешниҳодҳои дар банди 2 моддаи мазкур дарҷгардидаро пешкаш менамояд. Баъди қабули қарор, ба муаллифи дархост ҷавоб ирсол карда мешавад.

**3.5. Тартиби пешгирӣ ва бартараф намудани ҳолатҳои бархурди манфиатҳо**

3.5.1. Корманди Палатаи ҳисоб ҳангоми гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва таҳлилӣ-ташхисӣ) бояд аз иштирок дар амале, ки беғаразии ӯро зери шубҳа қарор медиҳад ва ё аз ҷой доштани ҳолатҳое, ки бевосита ё бавосита аз манфиатдор будани ӯ дар амали ғайриқонунӣ гувоҳӣ медиҳад, даст кашад.

3.5.2. Корманди Палатаи ҳисоб наметавонад ба фаъолияти ғайрикасбӣ, ки имкон дорад худи ӯ ё мақоми назорати молиявиро бадном намуда, бархӯрди манфиатҳоро ба миён орад ва ё ба фаъолияте, ки бевосита ё ғайримустақиман ба кор зарар мерасонад, ҷалб шавад.

3.5.3. Дар мавриди ба миён омадани ҳолати бархурди манфиатҳо, корманди Палатаи ҳисоб бояд бевосита ба роҳбари чорабинии назоратӣ муроҷиат намояд. Агар роҳбари чорабинии назоратӣ мушкилоти бамиёномадаро ҳал накунад ё худаш бевосита аз он манфиатдор бошад, корманди Палатаи ҳисоб метавонад ба сараудитор ва ё ба муовини Раиси Палатаи ҳисоб муроҷиат намояд.

Аз ҳолати ба амал омада муовини Раиси Палатаи ҳисоб ба Раиси Палатаи ҳисоб маълумот медиҳад. Раиси Палатаи ҳисоб масаълаи мазкурро ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд.

3.5.4. Ҳолатҳои пешгирӣ ва бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо аз тарафи аъзо ва кормандони Палатаи ҳисоб дар Кодекси одоби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

**3.6. Тартиби таҳия ва тасдиқи шаклҳои ҳисоботҳои даврӣ ва солонаи Палатаи ҳисоб**

3.6.1. Тибқи муқаррароти моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" Палатаи ҳисоб ба

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи аудиториро оид ба ҳисоботи солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ барои соли гузашта ва ҳисоботи ҷамъбастиро оид ба фаъолияти аудитории худ пешниҳод менамояд.

Инчунин, тибқи моддаи 29 қонуни мазкур Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои аудиториро доир ба масъалаҳои хусусияти фавридошта, ки қабули чораҳои таъхирнопазирро талаб менамоянд, пешниҳод намояд.

3.6.2. Пешниҳодҳо оид ба лоиҳаи шаклҳои ҳисоботҳои солона ва даврии Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сараудиторон барои ҳар як самти фаъолият таҳия карда шуда, ба Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешаванд.

Бо супориши Раиси Палатаи ҳисоб дар Бахши таҳлилӣ ва методологияи назорати молиявии Дастгоҳи Палатаи ҳисоб лоиҳаи ягонаи шаклҳои ҳисоботҳои солона ва даврӣ омода карда шуда, ба Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешаванд. Раиси Палатаи ҳисоб лоиҳаи шакли ҳисоботро ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод менамояд.

3.6.3. Лоиҳаи шаклҳои ҳисоботҳои солона ва даврии аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқгардида, бо имзои Раиси Палатаи ҳисоб ба мақомоти дахлдори давлатӣ ирсол карда мешавад.

3.6.4. Баррасии фаврии масъалаҳои бамиёномада вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ва пешниҳодҳо ба лоиҳаи шаклҳои ҳисоботҳои солона ва даврии Палатаи ҳисоб, аз ҷониби сохтори дахлдори Палатаи ҳисоб таҳти роҳбарии бевоситаи Раиси Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад. Масъалаҳое, ки қабули қарор барои онҳо ба салоҳияти Ҳайати мушовара дохил мебошад, аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

### 3.7. Тартиби пешбурди коргузорӣ

Тартиби умумии коргузорӣ дар Палатаи ҳисоб бо ҳуҷҷатҳои хизматии сирри махфӣ надошта, аз ҷумла, тартиби таҳия ва барасмиятдарорӣ, омодасозӣ ва барои нигоҳдорӣ супоридани ҳуҷҷатҳо, дар асоси дастурамал оид ба пешбурди коргузорӣ дар Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад.

### 3.8. Ҳифзи сирри давлатӣ

Коргузорӣ бо ҳуҷҷатҳои сирри махфӣ дошта ва ташкили маҷмӯи чорабиниҳо оид ба таъмини нигоҳдории захираҳои иттилотии Палатаи ҳисоб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сирри давлатӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда мешавад.

## 4. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ АУДИТОРӢ (ЧОРАБИНИҲОИ НАЗОРАТӢ ВА ТАШХИСИЮ ТАҲЛИЛӢ) ВА ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО АЗ РӮИ НАТИҶАИ ОНҲО

### 4.1. Асос барои гузаронидани санҷишҳои аудитории (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ) Палатаи ҳисоб

Санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ) аз ҷониби Палатаи ҳисоб дар асоси нақшаи кории солонаи тибқи тартиби муайяншуда тасдиқгардида, гузаронида мешавад. Чорабиниҳои дар нақша пешбининашуда, гузаронида намешавад.

Шарти асосии гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ мавҷудияти барномаҳои санҷишии тасдиқшуда мебошад. Санҷишҳои аудиторӣ дар асоси фармоишҳои дахлдор гузаронида мешаванд.

Ҳуҷҷате, ки ба мутахассисон ва дигар шахсони масъули Дастгоҳи Палатаи ҳисоб, инчунин ба мутахассисони барои санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ҷалбгардида ҳуқуқи гузаронидани санҷишро медиҳад, ин шаҳодатномаи шакли муқарраршуда мебошад.

### 4.2. Тартиби ташкили санҷишҳои аудиторӣ

4.2.1. Санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб дар се марҳила, марҳилаи омодашавӣ, марҳилаи асосӣ ва марҳилаи ниҳоӣ ба амал оварда мешавад.

4.2.2. Дар марҳилаи омодашавӣ ба санҷиш, омӯзиши мавзӯъ ва объекти санҷиши аудиторӣ анҷом дода шуда, аз рӯи натиҷаи он барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда мешавад, ки он аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ва ё аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб тасдиқ карда мешавад. Марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ дар асоси фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, ба амал оварда мешавад.

Фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб оид ба гузаронидани марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, ҳангоми ба амал овардани чорабиниҳо дар доираи корҳои назорати пешакӣ, назорати ҷорӣ ва назорати баъдинаи ташаккул ва иҷроиши буҷети давлатӣ, омода карда намешавад.

4.2.3. Дар марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ корҳои назоратӣ бевосита дар объекти санҷидашаванда гузаронида шуда, тибқи барномаи тасдиқшудаи санҷиши аудиторӣ, ҷамъоварии маълумотҳои аслӣ ба амал оварда мешавад. Марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ дар асоси фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад.

4.2.4. Дар марҳилаи ниҳоии санҷиши аудиторӣ ҳисобот омода карда мешавад, ки дар он хулоса ва пешниҳодҳо оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ дарҷ гардида, инчунин, дигар ҳуҷҷатҳое, ки натиҷаҳои санҷиши аудиториро инъикос менамояд, тартиб дода мешавад.

**4.3. Тартиби барасмиятдарории фармоиш дар бораи гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани санҷиши аудиторӣ**

4.3.1. Фармоиши сараудитори Палатаи ҳисоб оид ба гузаронидани марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ, бояд дарбар гирад:

- ишора ба банди дахлдори нақшаи кории Палати ҳисоб;
- мавзӯи санҷиши аудиторӣ;
- мӯҳлати марҳилаи омодашавӣ ба санҷиши аудиторӣ;
- шахсони масъул;
- мӯҳлати барои тасдиқ пешниҳод намудани барнома ва нақшаи иҷроиши корҳо.

4.3.2. Фармоиш оид ба гузаронидани марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб баъд аз тасдиқи барномаи санҷиши аудиторӣ ба имзо расонида шуда, бояд дарбар гирад:

- ишора ба банди дахлдори нақшаи кории Палатаи ҳисоб;
- мавзӯи санҷиши аудиторӣ;
- мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- ҳайати шахсони масъули Палатаи ҳисоб ва мутахассисони ҷалбгардида бо нишондоди объектҳои мушаххаси санҷиши аудиторӣ, мутахассисони барои гузаронидани марҳилаи асосии санҷиши аудиторӣ вобасташуда ва мӯҳлати иҷроиши он.

Лоиҳаи фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб аз ҷониби шахси барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул омода карда шуда, баъди мувофиқа бо аъзоёни Ҳайати мушовара ва шахсони барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул, барои имзо ба Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад.

4.3.3. Шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани чорабинии назоратӣ, аз ҷониби сараудитори Палатаи ҳисоб дар доираи салоҳияти тибқи Дастури мазкур муқарраршуда ва вобаста ба самти фаъолият, ки онро роҳбарӣ менамояд, ба имзо расонида мешавад.

**4.4. Тартиби омодасозӣ ва қабули қарор оид ба барномаи санҷиши аудиторӣ**

4.4.1. Лоиҳаи барномаи санҷиши аудиторӣ аз ҷониби шахсони масъули Палатаи ҳисоб таҳти роҳбарии аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул мебошад, таҳия карда мешавад.

Барномаҳои санҷишҳои аудитории зерин барои баррасӣ ва тасдиқ аз ҷониби Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ҳатмӣ мебошанд:

- санҷишҳои аудиторие, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоб бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд;
- санҷишҳои аудиторие, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудиторон дахл доштаро дарбар мегирад;

- чорабиниҳои назоратие, ки дар якҷоягӣ бо дигар мақомотҳои назорати молиявии ҷумҳурӣ ва мақомотҳои назорати давлатии молиявии мамлакатҳои хориҷӣ гузаронида мешаванд;

- санҷишҳои аудиторие, ки дар ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд ва иттиҳодияҳои давлатӣ гузаронида мешаванд;

- чорабиниҳои назоратие, ки барои гузаронидани онҳо намояндагони мақомотҳои назорати давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва ташкилотҳои ғайридавлатии аудиторӣ, ҷалб карда мешаванд.

Барномаҳои дигар санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ), аз ҷониби аъзои Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, ки барои гузаронидани он масъул мебошад, тасдиқ карда мешавад. Дар ҳолати талаб намудани яке аз аъзоёни Ҳайати мушовара, барномаи чунин чорабиниҳо дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб баррасӣ карда мешавад.

Таркиб ва тартиби барасмиятдарории барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, тибқи стандартҳои дахлдори назорати молиявии Палатаи ҳисоб, ки Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб муайян менамояд, муқаррар карда мешавад.

4.4.2. Дар рафти гузаронидани санҷиши аудиторӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ аъзои Ҳайати мушовара, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул аст, метавонад ба барнома тағйироту иловаҳо бо шарти баъдан дар ҳисоботҳои натиҷаи санҷиши аудиторӣ дарҷ намудани онҳо, ворид намояд. Дар баробари ин, агар барномаи санҷиши аудиторӣ аз ҷониби Ҳайати мушовара тасдиқ гардида бошад, тағйироту иловаҳо ба он низ бояд аз ҷониби Ҳайати мушовара тасдиқ карда шавад.

Дар ҳолати ворид намудани тағйиротҳо ба барномаи санҷиши аудиторӣ дар қисми номгӯи объектҳо, мӯҳлати гузаронидан ва шахсони масъули гузаронидани санҷиши аудиторӣ, фармоиши дахлдори Раиси Палатаи ҳисоб ба имзо расонида мешавад.

**4.5. Ҳамкориҳои Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявӣ, воҳидҳои назорати дохилии молиявӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ. Ҷалби мутахассисони мақомоти давлатӣ ва экспертҳои мустақили беруна ба санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб**

4.5.1. Тибқи муқаррароти моддаҳои 26 ва 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қарордодҳои баимзорасида, Палатаи ҳисоб ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ дар доираи салоҳияти худ метавонад:

- барои иштирок дар санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб, намояндагони мақомоти назорати давлатии молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва воҳидҳои назорати дохилии молиявиро ҷалб намояд;

- бо мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ чорабиниҳои назоратии якҷоя гузаронад;

- мутахассисони мақомоти давлатӣ ва экспертҳои мустақили берунаро дар асоси шартнома барои иштирок дар чорабиниҳои назоратии Палатаи ҳисоб ҷалб намояд.

4.5.2. Ҳамкориҳои Палатаи ҳисоб бо мақомоти назорати давлатии молиявӣ, ҳифзи ҳуқуқ, воҳидҳои назорати дохилии молиявӣ ва мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои хориҷӣ дар асоси қарордоди бо тартиби муқарраргардидаи стандартҳои дахлдори ташкили фаъолияти Палатаи ҳисоб ба имзо расонидашуда, ба роҳ монда мешавад.

4.5.3. Ба санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоб ҷалб намудани мутахассисони мақомоти давлатӣ ва экспертҳои мустақили беруна, дар асоси пешниҳоди бо Раиси Палатаи ҳисоб мувофиқашудаи аъзои Ҳайати мушовара, ба амал оварда мешавад.

Пешниҳодҳои мувофиқашуда оид ба ҷалби мутахассисони мақомоти давлатӣ ва экспертҳои мустақили беруна дар барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ дохил карда шуда, бо фармоиши Раиси Палатаи ҳисоб ба расмият дароварда мешавад. Дар асоси фармоиш ба мутахассисони мақомоти давлатӣ ва экспертҳои мустақили беруна шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи гузаронидани чорабинии назоратӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ шаҳодатнома оид ба сафари хизматӣ тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба коргузорӣ дар Палатаи ҳисоб, дода мешавад.

Пардохти маблағи хизмати экспертҳои мустақили беруна, дар асоси "Тартиби ҷалб намудани экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ дар гузаронидани чорабиниҳои назоратии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба роҳ монда мешавад.

### 4.6. Барасмиятдарории санадҳо ҳангоми гузаронидани санҷишҳои аудиторӣ

Оид ба натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ (чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ) дар объекти санҷиши аудиторӣ санад тартиб дода мешавад, ки дар он камбудию норасоиҳои дар рафти ташаккул ва истифодабарии воситаҳои давлатӣ ошкоргардида ва камбудиҳои дар фаъолияти объекти санҷиши аудиторӣ ҷойдошта пурра дарҷ карда мешаванд. Инчунин, далелҳо оид ба ҷой доштани камбудию норасоиҳо, ки дар рафти санҷишҳо дастрас гардидаанд, дар санад оварда мешаванд.

Ҳангоми гузаронидани давраи асосии санҷиши аудиторӣ, тартиб додани санадҳои зерин имкон дорад:

- санад оид ба эҷод намудани монеа ба кормандони Палатаи ҳисоб барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- санад оид ба маҳдуд сохтани миқёси гузаронидани санҷиши аудиторӣ;
- санад оид ба камбудиҳои дар объекти санҷиши аудиторӣ ошкоргардида, ки барои бартараф намудани онҳо ва пешгири намудани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, қабули чораҳои таъхирнопазир зарур мебошад;

- санад оид ба мӯҳрзании хазина, утоқҳои хизматӣ, анборҳо ва бойгонӣ дар объекти санҷиши аудиторӣ;

- санад оид ба гирифтани (нусхаи аслӣ ва ё нусхаи) ҳуҷҷатҳои объекти санҷиши аудиторӣ.

Тартиби омодасозӣ ва барасмиятдарории санадҳои зикргардида, тибқи стандартҳои дахлдори назорати молиявии Палатаи ҳисоб, ки тартиби умумии гузаронидани санҷишҳои аудиториро муайян менамоянд, муқаррар карда мешавад.

**4.7. Шинос намудани шахсони мансабдори объекти санҷидашаванда бо санадҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудитории гузаронидашуда**

Пас аз анҷоми санҷиши аудиторӣ, санадҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиториигузаронидашуда барои шиносоӣ ба шахсони масъул ва роҳбари объекти санҷидашаванда пешниҳод карда мешавад. Шиносоӣ бо санад дар муддати на зиёда аз як шабонарӯз аз лаҳзаи пешниҳод намудани он ба амал оварда мешавад. Дар ҳолате, ки санадҳо ҳаҷми зиёд ва мушкилиҳои махсус дорад, шиносоӣ дар муддати се шабонарӯз анҷом дода мешавад. Санад барои шиносоӣ дар асоси забонхат пешниҳод карда мешавад.

Дар мавриди розӣ набудани шахсони масъул ва роҳбари объекти санҷидашаванда бо натиҷаи санҷиш, ба онҳо пешниҳод карда мешавад, ки санадро бо пешкаш намудани тавзеҳот дар бораи норозӣ будан ба бандҳои алоҳидаи санад, ба имзо расонанд. Тавзеҳот ба тариқи хаттӣ фавран ва ё дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди санад барои шиносоӣ, ба Палатаи ҳисоб ирсол карда мешавад.

Дар ҳолати аз шахсони масъули объекти санҷидашаванда ворид гардидани тавзеҳоти хаттӣ, сараудитори Палатаи ҳисоб дар муддати панҷ рӯзи корӣ баъд аз ба Палатаи ҳисоб ворид гардидани тавзеҳот, хулосаро оид ба тавзеҳоти пешниҳодшуда омода менамояд, ки нусхаи он ба суроғаи объекти дахлдор ирсол карда мешавад. Тавзеҳоти хаттии шахсони масъули объекти санҷидашаванда ва хулосаи сараудитори Палатаи ҳисоб оид ба тавзеҳоти пешниҳодгардида ба санад замима карда шуда, ба маводҳои санҷиши аудиторӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Нусхаи санади баимзорасидаи санҷиши аудиторӣ ба шахси масъули объекти санҷидашаванда дода мешавад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар санад маълумотҳои сирри давлатидошта дарҷ гардида бошанд.

Дар мавриди ҳатто бо пешкаш намудани тавзеҳот розӣ набудани роҳбари объекти санҷидашаванда бо натиҷаи санҷиш ва рад кардани баимзорасонии санади санҷиш, сараудитор, ки барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул аст, бо иштироки комиссия санад тартиб дода, ба он имзо мегузорад.

Барои шиносоӣ ба шахсони масъули объекти санҷидашаванда пешниҳод намудани санади санҷишие, ки аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоб имзо нашудаанд, роҳ дода намешавад.

Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санади санҷиш аз ҷониби мутахассисони Палатаи ҳисоб дар асоси тавзеҳоти хаттии шахсони

масъули объекти санҷидашаванда ва ё ҳуҷҷатҳои аз нав пешниҳодшуда, роҳ дода намешавад.

**4.8. Амали мутахассисони Палатаи ҳисоб дар мавриди ба миён омадани монеагӣ барои ворид шудан ба биноҳои ташкилоти санҷидашаванда ва дастрасӣ ба маводҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ**

Дар мавриди ба мутахассиси Палатаи ҳисоб, ки фармоиш ва ё шаҳодатномаро оид ба ҳуқуқи гузаронидани санҷиши аудиторӣ пешниҳод намудааст, монеагӣ намудани кормандони объекти санҷидашаванда барои ворид шудан ба биноҳои объекти санҷидашаванда, инчунин дар мавриди саривақт пешниҳод накардани маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ, мутахассиси Палатаи ҳисоб оид ба масъалаи эҳод намудани монеа барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ санад бо нишондоди вақт, таърихи рӯз, маълумот дар бораи шахси монеа эҷоднамуда ва дигар маълумотҳои зарурӣ, тартиб медиҳад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ, талаботи мутахассиси Палатаи ҳисоб дар шакли хаттӣ ба роҳбар ва ё шахси масъули объекти санҷиши аудиторӣ пешниҳод карда мешавад. Санад дар давоми як шабонарӯз аз лаҳзаи тартиб додани он, бояд ба Палатаи ҳисоб ба номи сараудитори дахлдори Палатаи ҳисоб ирсол карда шавад.

Ҳамзамон мутахассис вазифадор аст, ки оид ба масъалаи бамиёномада дарҳол сараудитори дахлдори Палатаи ҳисобро огоҳ созад.

**4.9. Ба расмият даровардани ҳисоботҳо оид ба натиҷаи санҷишҳои аудитории гузаронидашуда**

Аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар маҷмӯъ ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ бо имзои сараудитори Палатаи ҳисоб тартиб дода мешавад. Шакл ва таркиби ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ, тибқи стандартҳои дахлдори назорати молиявии Палатаи ҳисоб, ки тартиби умумии гузаронидани санҷиши аудитории Палатаи ҳисобро муайян менамояд, муқаррар карда мешавад. Ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудитории Палатаи ҳисоб, ба тариқи ҳатмӣ ба баррасии Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешаванд.

Ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ, ҳуҷҷатҳои паҳнкуниашон маҳдудкардашудаи Палатаи ҳисоб ба шумор меравaнд. Дар тамоми ҳисоботҳо, ба ғайр аз ҳисоботҳое, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд, аз лаҳзаи омодасозӣ то лаҳзаи баррасии онҳо дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб, қайди маҳдудкунандаи "Барои истифодаи хизматӣ" дарҷ карда мешавад. Баъди баррасӣ дар ҷаласаи Ҳайати мушовара қайди маҳдудкунанда бардошта мешавад, агар дигар ҳолат бо қарори Ҳайати мушовара пешбинӣ нашуда бошад.

Ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар якҷоягӣ бо нусхаи санадҳо, лоиҳаи пешниҳодот ва мактуби ахборотӣ, бояд дар мӯҳлати тибқи барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ пешбинишуда ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод карда шавад ва аз ҷониби Ҳайати

мушовара бояд дар муддати на зиёда аз даҳ рӯзи корӣ баррасӣ карда шавад.

Санаи ба итмом расидани санҷиши аудиторӣ, ин санаи ба имзо расидани қарор дар бораи тасдиқ намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ, ба ҳисоб меравад.

**4.10. Тартиби омодасозӣ ва қабули қарор оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ**

4.10.1. Тамоми маводҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ (ҳисоботҳо, хулосаҳо, нусхаи барномаи чорабинӣ, фармоиш ва шаҳодатнома, нусхаи санадҳо, пешниҳодот ва мактубҳои ахборотӣ) ба тариқи ҳатмӣ ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод карда мешаванд. Ҳисоботҳо ва хулосаҳо оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ, ба баррасии Ҳайати мушовара бо имзои сараудитори барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул, пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳолатҳои алоҳида қабули қарор оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ бо тартиби махсуси аз ҷониби Ҳайати мушовара тасдиқшаванда, ба амал оварда мешавад.

4.10.2. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ, Ҳайати мушовара яке аз ду қарорҳои зеринро қабул менамояд:

- оид ба тасдиқи ҳисобот;
- оид ба тасдиқ накардани ҳисобот.

Ба ғайр аз ин, қарор оид ба итмом расидани санҷиши аудиторӣ ва пурра ва охирин будани ҳисобот ва ё фосилавӣ будани ҳисобот ва давом додани санҷиши аудиторӣ бо тасдиқи барномаи иловагии санҷиши аудиторӣ, қабул карда мешавад.

4.10.3. Дар сурати аз ҷониби Ҳайати мушовара тасдиқ гардидани ҳисобот, инчунин қарор оид ба масъалаҳои зерин дар ҳолатҳои зарурӣ қабул карда мешавад:

- оид ба ирсол намудани пешниҳодот ва ё андешидани дигар чораҳо дар доираи салоҳияти Палатаи ҳисоб;
- оид ба ирсол намудани маводҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

4.10.4. Барои тасдиқ накардани ҳисобот аз ҷониби Ҳайати мушовара, сабабҳои зерин асос шуда метавонад:

- номувофиқии ҳисоботи пешниҳодшуда бо барномаи тасдиқшудаи санҷиши аудиторӣ;
- номувофиқии ҳисоботи пешниҳодшуда бо санадҳо, хулосаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ;
- дар ҳисобот мавҷуд набудан ва ё номувофиқ будани хулоса оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ бо маводҳои натиҷаи санҷиши аудиторӣ;
- дар хулосаҳо мавҷуд набудани баҳодиҳии зарари ба давлат расонидашуда аз рӯи камбудиҳои ошкоргардида;
- дар ҳисобот мавҷуд набудан ва ё номувофиқ будани пешниҳодҳо бо маводҳои натиҷаи санҷиши аудиторӣ;

- номувофиқии маводҳои пешниҳодшуда ба талаботҳои Дастури мазкур, стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии Палатаи ҳисоб.

Дар ҳолати тасдиқ нагардидани ҳисобот, дар қарори Ҳайати мушовара бояд асос оиди он нишон дода шавад ва ба аъзои Ҳайати мушовара - сараудитори барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул супориш дода шавад, ки барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, санҷиши иловагӣ ва ё дигар корҳои заруриро тибқи муқаррароти Дастури мазкур, анҷом диҳад.

4.10.5. Дар ҳолатҳои зарурӣ, новобаста аз тасдиқ нагардидани ҳисобот, қарор дар бораи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ирсол намудани санадҳои дар рафти санҷиши аудиторӣ тартиб додашуда қабул карда мешавад.

4.10.6. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки дар онҳо санҷиши аудиторӣ анҷом дода шудааст, метавонанд ҳангоми баррасии натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ дар ҷаласаи Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб иштирок намоянд.

**4.11. Тартиби омодасозӣ ва ирсол намудани пешниҳодот ва мактубҳои ахборотии Палатаи ҳисоб**

4.11.1. Лоиҳаи пешниҳодоти Палатаи ҳисоб оид ба натиҷаҳои санҷишҳои аудитории гузаронидашуда (санҷишҳои маҷмӯӣ ва мавзӯӣ, назорати ҷорӣ) аз ҷониби сараудиторони барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул ва ё аз ҷониби Раис ва муовини Раиси Палатаи ҳисоб, агар онҳо гузаронидани санҷишро бевосита роҳбарӣ намуда бошанд, омода карда мешавад. Лоиҳаи пешниҳодотро шахсони масъули зикргардида, ба баррасии Ҳайати мушовара дар якҷоягӣ бо ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ пешниҳод менамоянд.

4.11.2. Пешниҳодоти Палатаи ҳисоб ба роҳбарони ташкилоту муассисаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда, инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ҳалли масъалаҳои дар пешниҳодот дарҷшуда ба салоҳияти онҳо дахл дорад, ирсол карда мешавад.

4.11.3. Дар пешниҳодоти Палатаи ҳисоб масъалаҳои зерин инъикос меёбад:

- камбудиҳои дар натиҷаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ ошкоргардида ва шахсони масъули ба салоҳияташон ин камбудиҳо дахлдошта, ташкилотҳо ва ё мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба онҳо пешниҳодот ирсол карда мешавад;
- пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо, барқарор намудани маблағи зарар ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъуле, ки барои роҳ додан ба камбудиҳо ҷавобгаранд;
- мӯҳлати андешидани чораҳо оид ба бартараф намудани камбудиҳо ва ирсол намудани ахборот оид ба натиҷаи баррасии пешниҳодот.

4.11.4. Пешниҳодоти Палатаи ҳисоб аз ҷониби Ҳайати мушовара қабул гардида, аз ҷониби Раис ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб ба имзо расонида мешавад. Пешниҳодоти Палатаи ҳисоб дар муддати то 5

рӯз баъд аз баррасии он дар маҷлиси Ҳайати мушовара, бояд ирсол карда шавад.

4.11.5. Лоиҳаи мактуби ахборотии Палатаи ҳисобро сараудиторони барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул ва ё Раис ва муовини Раиси Палатаи ҳисоб, агар онҳо гузаронидани санҷишро бевосита роҳбарӣ намуда бошанд, омода менамоянд. Лоиҳаи мактуби ахборотиро шахсони зикргардида ба баррасии Ҳайати мушовара дар якҷоягӣ бо ҳисобот оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ пешниҳод менамоянд.

Мактуби ахборотии Палатаи ҳисоб аз ҷониби Ҳайати мушовара қабул гардида, аз ҷониби Раис ва ё муовини Раиси Палатаи ҳисоб ба имзо расонида мешавад ва он дар муддати то 5 рӯз баъд аз баррасӣ дар маҷлиси Ҳайати мушовара, бояд ирсол карда шавад.

**4.12. Ташкили назорат аз рӯи иҷроиши пешниҳодоти Палатаи ҳисоб**

4.12.1. Назорати бевосита аз рӯи иҷроиши пешниҳодоти Палатаи ҳисоб, аз ҷумла, баррасии пешниҳодоти Палатаи ҳисоб дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳое, ки ба онҳо пешниҳодот ирсол гардидааст, аз ҷониби сараудиторон ва ё Раис ва муовини Раиси Палатаи ҳисоб агар онҳо гузаронидани санҷишро бевосита роҳбарӣ намуда бошанд, ба амал оварда мешавад.

4.12.2. Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб ҳар семоҳа дар ҷаласаи худ масъалаи иҷроиши пешниҳодоти Палатаи ҳисобро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба андешидани чораҳои иловагӣ нисбат ба шахсони мансабдори ташкилоту муассисаҳое, ки талаботи қонунии Палатаи ҳисобро иҷро накардаанд, қарор қабул менамояд.

**4.13. Тартиби омодасозӣ, гузаронидан ва ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши аудиторие, ки масъалаҳои ба салоҳияти ду ва ё зиёда сараудиторони Палатаи ҳисоб дахлдоштаро дар бар мегиранд**

4.13.1. Агар зарурияти гузаронидани санҷиши аудитории Палатаи ҳисоб дар асоси муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён ояд, Раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини ӯ дар рӯзи ба Палатаи ҳисоб ворид шудани муроҷиат ба сараудиторone, ки баррасии масъалаҳои дар муроҷиат дарҷгардида ба салоҳияти онҳо дахл дорад, супориш медиҳад, ки дар муддати на зиёда аз се рӯзи корӣ таклифу пешниҳодҳои худро ҷиҳати омода намудани барномаи ягонаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ пешниҳод намоянд.

Дар асоси таклифу пешниҳодҳои сараудиторони Палатаи ҳисоб, аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ва ё бо супориши ӯ аз ҷониби муовини Раиси Палатаи ҳисоб дар муддати се рӯзи корӣ бо ҷалби кормандони Дастгоҳи Палатаи ҳисоб барномаи ягонаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ омода карда шуда, барои баррасӣ дар наздиктарин ҷаласаи Ҳайати мушовара пешниҳод карда мешавад.

Мӯҳлати умумӣ, аз рӯзи ба Палатаи ҳисоб ворид гардидани муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё вакилони Маҷлиси

намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то рӯзи ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод намудани барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, бояд на зиёда аз ҳафт рӯзи кориро дарбар гирад.

Дар мавриди ғайримкон будани баррасии барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар ҷаласаи Ҳайати мушовара дар мӯҳлати муқарраршуда, Раиси Палатаи ҳисоб ва ё бо супориши ӯ муовини Раиси Палатаи ҳисоб ҳуқуқ доранд барномаи гузаронидани санҷиши аудиториро тасдиқ намоянд ва баъдан онро ба тариқи ҳатмӣ ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод намоянд.

Таркиб ва тартиби барасмиятдарории барномаи гузаронидани санҷиши аудиторӣ, тибқи стандартҳои дахлдори назорати молиявии Палатаи ҳисоб, ки тартиби умумии гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисобро муайян менамоянд, муқаррар карда мешавад.

Ҳайати мушовара санҷишро ба нақшаи кории Палатаи ҳисоб дохил намуда, барнома, мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва ҳайати шахсони масъулро тасдиқ менамояд.

Баъди тасдиқи барномаи санҷиши аудиторӣ, Раиси Палатаи ҳисоб фармоиши дахлдорро ба имзо мерасонад, ки дар асоси он шаҳодатномаҳо оид ба ҳуқуқи гузаронидани санҷиш, оид ба сафари хизматӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода карда шуда, ба имзо расонида мешаванд.

4.13.2. Ҳамаи масъалаҳоро вобаста ба ташкил ва гузаронидани санҷиши аудиторӣ тибқи барномаи тасдиқгардида, сараудиторони Палатаи ҳисоб дар доираи салоҳияти худ мустақилона ҳал менамоянд ва аз рӯи натиҷаҳои он ҷавобгар мебошанд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти сараудиторонро барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ, Раиси Палатаи ҳисоб ё бо супориши ӯ муовини Раиси Палатаи ҳисоб ба амал мебароранд.

Сараудиторони барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ масъул, дар мӯҳлати тибқи барнома пешбинигардида гузаронидани санҷишро таъмин намуда, оиди дар ҳисобот дохил намудани маводҳои натиҷаи санҷиши аудиторӣ пешниҳод омода месозанд. Инчунин, лоиҳаи пешниҳодотро аз рӯи натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ омода намуда, ба Раиси Палатаи ҳисоб ё бо супориши ӯ, ба муовини Раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамоянд.

4.13.3. Дар мӯҳлати тибқи барнома пешбинигардида, Раиси Палатаи ҳисоб ё бо супориши ӯ муовини Раиси Палатаи ҳисоб бо ҷалби мутахассисони дахлдори Дастгоҳи Палатаи ҳисоб маводҳои пешниҳоднамудаи сараудиторонро ҷамъбаст намуда, ҳисобот омода менамояд. Ҳисобот аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ё бо супориши ӯ аз ҷониби муовини Раиси Палатаи ҳисоб ба имзо расонида мешавад.

Ҳисобот дар якҷоягӣ бо лоиҳаи пешниҳодот, инчунин нусхаи санадҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои аз ҷониби сараудиторон вобаста ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ омодакардашуда, ба баррасии Ҳайати мушовара пешниҳод карда мешаванд. Ҳисоботи тасдиқнамудаи Ҳайати мушовара оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ, ба Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар ташкилоти дахлдор ирсол карда мешавад.

Назорат аз рӯи иҷроиши пешниҳодоти Палатаи ҳисоб оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ, ки бо иштироки ду ва ё зиёда сараудиторон ба амал оварда шудааст, бевосита аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб ба амал оварда мешавад.

**4.14. Тартиби кор оид ба таҳлили мунтазами натиҷаҳои санҷишҳои аудитории гузаронидашуда, ҷамъбаст ва таҳқиқи сабаб ва оқибатҳои камбудиҳои дар раванди ташаккулёбии буҷети давлатӣ ва хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ошкоргардида**

4.14.1. Тартиби кор оид ба таҳлили мунтазами натиҷаҳои санҷишҳои аудитории гузаронидашуда, ҷамъбаст ва таҳқиқи сабаб ва оқибатҳои камбудиҳои дар раванди ташаккулёбии буҷети давлатӣ ва хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ошкоргардида ва дар ин асос омода намудани пешниҳодот ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бартараф намудани камбудиҳо, такмилдиҳии қонунгузории буҷетӣ ва рушди низоми идоракунии молияи давлатӣ, дар доираи фаъолияти умумии назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилии Палатаи ҳисоб ба роҳ монда мешавад, аз ҷумла дар шакли:

- таҳияи пешниҳодҳо аз рӯи натиҷаи санҷишҳои муайян ва нишон додани онҳо дар ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои ин санҷишҳо;
- таҳияи пешниҳодҳо аз рӯи натиҷаи назорати ҷорӣ ва нишон додани онҳо дар ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои назорати ҷорӣ;
- таҳияи ҷамъбасти пешниҳодҳо, ки дар ҳисоботҳои семоҳа ва солонаи Палатаи ҳисоб оварда шудаанд;
- омодасозии лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ.

Аз ҷониби Палатаи ҳисоб таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузорӣ нисбати буҷети давлатӣ, фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ ва моликияти давлатӣ ба амал оварда мешавад.

4.14.2. Пешниҳодҳои омодагардида баъди баррасӣ ва тасдиқ дар ҷаласаи Ҳайати мушовара, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

## 5. ТАРТИБИ ОМОДАСОЗӢ ВА ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ ОИД БА НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ПАЛАТАИ ҲИСОБ

### 5.1. Ошкорбаёнӣ дар фаъолияти Палатаи ҳисоб

5.1.1. Тибқи муқаррароти моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон", Палатаи ҳисоб ҳисоботҳои худро дар воситаҳои ахбори омма интишор менамояд.

Таъмини ошкорбаёнӣ ва пешниҳоди маълумоти расмӣ ба воситаҳои ахбори омма оид ба фаъолияти Палатаи ҳисоб, бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

- маълумот барои воситаҳои ахбори омма танҳо баъди анҷоми санҷиши аудиторӣ, баррасии натиҷаҳои он дар ҷаласаи Ҳайати мушовара ва ирсол намудани маводҳо оид ба натиҷаи санҷиши аудиторӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод карда мешавад;

- таркиб, ҳаҷм, шакл ва мӯҳлати пешниҳоди маълумоти расмӣ оид ба натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ аз ҷониби Ҳайати мушовара муқаррар карда мешавад. Қарор оид ба ин масъалаҳо, ҳангоми ҷамъбасти баррасии натиҷаҳои ҳар як санҷиши аудиторӣ дар ҷаласаҳои Ҳайати мушовара, қабул карда мешавад;

- маълумот ба воситаҳои ахбори омма бо супориши Ҳайати мушовара, аз ҷониби Раиси Палатаи ҳисоб, муовини Раиси Палатаи ҳисоб ва ё сараудиторони Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад;

- пешниҳоди маълумот тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар маълумотҳои ҳифзшаванда, ба амал оварда мешавад;

- аъзоёни Ҳайати мушовара ва дигар кормандони Палатаи ҳисоб наметавонанд маълумотҳоро оид ба фаъолияти Палатаи ҳисоб ба мақсадҳои дигар истифода намоянд;

- ташкил ва пешниҳоди маълумот ба воситаҳои ахбори омма, ба сохтори ваколатдори Палатаи ҳисоб вогузор карда мешавад.

5.1.2. Шаклҳои асосии таъмини ошкорбаёнӣ дар фаъолияти Палатаи ҳисоб, ин пешниҳоди ахборот ва маълумотҳои зерин мебошад:

- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳисоботҳои семоҳа ва солона оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ ва мактубҳои ахборотӣ оид ба натиҷаи санҷишҳои дар асоси муроҷиатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дархости мақомоти ҳокимияти давлатӣ анҷомдодашуда;

- ирсол намудани ахборот оид ба натиҷаи санҷишҳои гузаронидаи Палатаи ҳисоб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

- ирсол намудани пешниҳодоти Палатаи ҳисоб аз руӣ натиҷаи чорабиниҳои тибқи талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" анҷомдодашуда;

- ирсол намудани маводҳо аз рӯи натиҷаи санҷишҳои аудиторӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;

- интишори ҳисоботи солона оид ба фаъолияти Палатаи ҳисоб дар сомонаи Палатаи ҳисоб ва воситаҳои ахбори омма;

- гузаронидани нишастҳои матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти Палатаи ҳисоб дар давраи нимсола ва солона.

5.1.3. Бо гузаштани мӯҳлати ду ҳафта пас аз пешниҳоди расмии маводҳо оид ба натиҷаи чорабиниҳо ба воситаҳои ахбори омма, аъзои Ҳайати мушовара ҳуқуқ дорад оиди ин маводҳо ба воситаҳои ахбори омма танҳо аз номи худ маълумот пешниҳод намояд. Мазмуни маълумоти пешниҳодмешуда, бояд аз мавқеи Ҳайати мушовара фарқ накунад.

5.1.4. Дар ҳолати иброз гардидани мулоҳизаҳои танқидӣ нисбати Палатаи ҳисоб, инчунин ба нашр расидани маълумотҳои нодуруст оид ба натиҷаҳои фаъолияти Палатаи ҳисоб, ҷиҳати вокуниш тадбирҳои бетаъхири мушаххас андешида мешавад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### 6.1. Тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастури Палатаи ҳисоб

Ба Дастури Палатаи ҳисоб тағйиру иловаҳо бо пешниҳоди аъзои Палатаи ҳисоб ва бо қарори Ҳайати мушовара ворид карда мешавад.

### 6.2. Тартиби мавриди амал қарор додани Дастури мазкур

Дастури мазкур аз рӯзи қабули он аз ҷониби Ҳайати мушовара, мавриди амал қарор дода мешавад.